# ҚАРОРИ
## Ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демография Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

25 июни соли 2024, № 6 ш. Душанбе

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Акрамова Бибималика Акбаровна дар мавзуи «Идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700-Менеҷмент (6D050704 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо), тақризи роҳбари илмӣ - доктори илмҳои иқтисодӣ профессор Қудратов Рустам Раҳматович тақризи муассисаи пешбар - Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, академики АИКТ, директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон Пиризода Ҷалил Сафар, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Кузибаева Бароат Муротбоевна, ва баромадҳои мутахассисон оид ба тахассуси диссертатсияи баррасишаванда д.и.и., профессор Рауфӣ А., д.и.и., профессор Хоҷаев П.Д. ва д.и.и., дотсент Шарифзода Б.М. Шурои диссертатсионии 6D.KOA-017 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзоёни Шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Акрамова Бибималика Акбаровна

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Акрамова Бибималика Акбаровна дар мавзуи «Идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700-Менеҷмент (6D050704 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ, тибқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамояд.

3. Ба Акрамова Бибималика Акбаровна барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700-Менеҷмент (6D050704 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори Шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Акрамова Бибималика Акбаровна бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонада шавад.

Ки тарафдори қарори Шурои диссертатсионӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳад. Зид -нест, бетараф -нест. Қарор якдилона қабул гардид.

Раиси Шуро: иҷозат диҳед докторант (PhD)-ро барои бомуваффақият ҳимоя намудани диссертатсия ва сарфароз гаштан ба дараҷаи илмии номзадӣ илмҳои иқтисодӣ табрик намоям ва ба ҳамаи аъзои Шуро барои ширкати фаъол дар ҳимоя арзи сипос намоям.

Бо ҳамин ҷаласаи навбатии Шурои диссертатсионӣ пӯшида эълон мешавад.

Раиси
Шурои диссертатсионӣ, д.и.и. Ҷонмамадов Ш.Б.

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ, н.и.и. Бобозода К.О.

25.06.2024с.